Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-014
назди ДДМИТ бо суроғаи ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14

# ТАҚРИЗ

***ба автореферати Имомализода Баҳодур Бобомурод дар мавзуи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.***

Дар низоми бонкии кишвар бонкҳо ва ташкилоҳои қарзии хурд барои пешниҳоди маблағгузории хурд ба субъектҳои хоҷагидории кишвар нақши созгор дорад. Аз ҳамин нуқтаи назар метавон иброз дошт, ки маблаггузории хурд ҳамчун низоми институтҳои маблағгузории хурд намудҳои хизматрасониҳои молиявии зеринро барои аҳолии камбизоат ва қашшоқ пешниҳод менамояд: хизматрасониҳои қарзӣ; хизматрасониҳои оид ба нигоҳдории пасандозҳо; хизматрасониҳои суғуртавӣ; хизматрасониҳои иҷоравӣ; хизматрасониҳои кафолатӣ; хизматрасониҳо оид ба интиқоли маблағҳои пулӣ; хизматрасониҳои бахши мубодилаи асъорҳо.

Маблағгузории хурд низомест, ки доираи васеи хизматрасониҳои молиявиро, ки махсус барои табақаҳои камбизоат ва осебпазири аҳолӣ таҳия шудаанд, пешниҳод мекунад. Ғайр аз қарздиҳӣ, нигоҳдории пасандозҳо, хизматрасониҳои суғурта ва кафолат, иҷора, интиқоли пул ва амалиёти бахши асъор, ташкилотҳои маблағгузории хурд (IFRS) хизматрасониҳои иловагиро пешниҳод мекунанд, ба монанди таҳсилоти молиявӣ, ки ба баланд бардоштани саводнокии молиявии муштариён, машварат оид ба пешбурди тиҷорат, кӯмак дар таҳияи нақшаҳои тиҷорӣ ва қабули қарорҳои оқилонаи молиявӣ, инчунин барномаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла суғуртаи хурди саломатӣ ва дастгирии занони соҳибкор. Бо шарофати ин воситаҳо, маблағгузории хурд на танҳо дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявиро барои аҳолии осебпазир таъмин мекунад, балки ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо мусоидат мекунад.

Дар маҷмӯъ, ин таҳқиқот муҳим аст, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад ва натиҷаҳои он метавонанд барои ҳалли масъалаҳои гуногуни марбут ба такмили сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси навсозии иқтисодиёти минтақавӣ истифода шаванд.

Аз ин лиҳоз, муаллиф андешаи худро доир ба раванди мазкур дуруст баён намуда, ақидаи худро дар доираи мавзуи баррасишаванда баррасӣ намудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки муаллиф таҳқиқоти илмиро бо риояи тамоми талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳмияти илмию амалӣ мебошад. Дар автореферат новобаста ба ҷиҳатҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, аз ҷумла:

1. Хубтар мешуд агар муаллиф дар кори илмии худ мукаммалгардонии маблағгузории хурдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ҷадвал меовард.

Гуфтан лозим, аст, ки камбудии ҷойдошта сатҳи баланди илмии ин корро коҳиш намедиҳа ва ҳамчун тавсиявӣ пешниҳод шудааст.

Ҳамин тавр, кори илмии Имомализода Баҳодур Бобомурод ба анҷом расонидашуда ҳисобида мешавад ва бар пояи талаботи илмӣ-назариявӣ ва амалияи муосир анҷом дода шудааст ва ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор дониста мешавад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илми иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ** **Комилов Н.Б.**

**Имзои, номзади илми иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи молия ва қарз Комилов Н.Б.-ро**
**тасдиқ менамоям.**

**Сардори РК КМ-и Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**
**Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**
**Тел: (992) 918-57-92-90**
**E-mail : nizomiddin.komilov@mail.ru**

**«____» ____________________2024**